**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200- Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ.

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна бо он муайян карда мешавад, ки дар замони муосир таваҷҷуҳ ба масъалаи омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим тасодуфӣ нест. Ворид намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ба равандҳои таълимӣ ин равандҳоро иттилоотӣ мегардонад ва аз ин лиҳоз онҳоро аз ҷиҳати назорати қатъӣ баррасӣ кардан мумкин ва зарур аст. Дар ҳақиқат, он боиси пайдо шудани муносибати нав ба ташкили раванди таълим – муносибати технологӣ мегардад. Вобаста ба ин, тадқиқоти диссертатсионии Ахмедова М.Ф. дар шароити навсозии таҳсилот дар ҷумҳурии мо, бешубҳа, хеле зарур ва мубрам маҳсуб меёбад. Муаммои истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар илми педагогика яке аз муаммомҳои калидӣ мебошад. Моҳияти фаъолгардонии раванди истифодаи технологияи инноватсионии таълим аз баландбардории фаъолияти тадрисии омӯзгор иборат аст. Аввал ӯ бояд воситаҳои методии самарабахши истифодаи технологияи инноватсионии таълимро ҷустуҷӯ ва истифода намояд. Баландбардории фаъолияти худи омӯзгорон тариқи худсозмондиҳӣ ва худназорат, инкишофи мабдаи эҷодӣ дар он амалӣ мегардад.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда муаллифи диссертатсия ба чунин навгониҳои илмии таҳқиқот ноил гаштааст:

- мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим» мушаххас карда шуд;

- модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шуд;

- шароитҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим муайян карда шуданд;

- мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баландбардоштани самаранокии рав анди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим асоснок карда шуд.

Тадқиқоти гузаронидаи диссертант Ахмедова М.Ф. дар амалияи фаъолияти педагогӣ ба аҳамияти калон соҳиб аст. Аз ҷумла, аҳамияти амалии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом ёфт;

- тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шуданд;

- коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардид.

Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардид. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо базаи назариявии

исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шуданд. Дар баҳогузорӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот оварда шуда, ҳамчунин санҷишҳои бевосита гузаронидаву натиҷаҳо ҳосил гардидаанд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ мехостам андар шахсияти муҳаққиқ чанд сухан гуфта бошам. Пеш аз ҳама, мехостам қайд намоям, ки Ахмедова М.Ф. ҳоло ба ҳайси омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи донишгоҳ фаъолият мебарад. Факултети педагогиро хатм карда, таи 3 сол дар докторантураи ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ таҳсил намудааст. Маҳз дар ҳамин давра дар мавзӯи мазкур тадқиқоти хешро ба роҳ монда ба таҳқиқи рисолаи номзадӣ машғул мебошад.

Дар давраи фаъолияти тадқиқотӣ Ахмедова М.Ф. беҳтарин хусусиятҳои тадқиқотчиро зоҳир намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 10 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Докторант Ахмедова М.Ф. дар конфронсҳои илмиву ҳамоишҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавои хеш баромадҳо намудааст. Дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад. Омӯзгори соҳибтаҷриба ва тадқиқгари фаъол ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Дар давраи омодасозии рисолаи номзадӣ Ахмедова М.Ф. теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои муаллифи рисола аз мундариҷаи умумии рисолаи илмӣ бармеоянд. Автореферат мундариҷаи умумии рисоларо инъикос мекунад.

Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200- Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкат Аҳмадович

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел.(+992)927717870. Элек. почта: Sharofzod1954@mail..ru веб. сайт: www.hgu.tj

Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.